**ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**

ректори МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” профессор Усмонзода Аюб Ислом

____________

«_19_» _апрели_ соли 2022

# ХУЛОСАИ
# КАФЕДРАИ МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК ВА ПЕДАГОГИКАИ УМУМИИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”

Диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна таҳти унвони «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот дар МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ба анҷом расидааст.

Бобоева Иноятхон Асроровна соли 2006 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси рӯзноманигор-омӯзгор хатм кардааст. Соли 2009 коргузори факултети мазкур ва аз соли 2014 то имрӯз дар кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ҳамчун сармуаллима кору фаъолият дорад.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педогогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Шербоев С.

Дар натиҷаи баррасии диссертатсияи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)» чунин хулосаҳо бароварда шуданд:

**Ҳадафи таҳқиқот.** Ҳадафи аслии таҳқиқотро муайян намудани асосҳои назариявӣ ва педагогиву психологии ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими фанни адабиёти тоҷик дар курси хониши адабӣ ташкил додааст. Вобаста ба ин, дар диссертатсия зимни таҳлили ҳикояву абёт ва пандҳо ташаккул додани хислатҳои таҳаммулпазирӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

**Масъалаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– Пешниҳоди шарҳу маънидоди мафҳуми **таҳаммулпазирӣ**, ки дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва дар тадқиқотҳои муҳаққиқони ватаниву бурунмарзӣ баррасӣ шудааст;

– пешниҳоди натиҷаи таҳлили консепсияи назариявӣ ва педагогиву психологии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки дар тадқиқотҳои худ бобати таърих, назария ва амалияи инкишофи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон изҳори ақида намудаанд;

– бо мақсади кӯмак расонидан ба омӯзгорон тарзи таҳлили мазмуну мундариҷаи матнҳои аз осори классикон баргузида, ки тибқи барномаи таълим ба китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII ворид карда шудаанд, манзур гаштаанд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Дар диссертатсия асосан усулҳои таҳлилӣ, оморӣ, мушоҳидавӣ, анкетавӣ ба кор рафтаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар рисола аввалин маротиба тавассути таълими адабиёти тоҷик дар курси хониши адабӣ масъалаи ташаккул ва рушди тарбияи таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст;

- азбаски асоси барнома ва маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII-ро осори классикони маъруфи форсу тоҷик ташкил дода, ин

намунаҳо дорои мазмунҳои баланди пандуахлоқӣ мебошад, коркард ва баррасии нуктаҳои марбут ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон сурат гирифтааст;

- на танҳо аз хусуси роҳу усулҳои дар хонандагони синфҳои боло тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ мулоҳизаронӣ шудааст, балки доир ба аҳамият ва зарурати соҳиб будани омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ба хислатҳои таҳаммулпазирӣ низ изҳори ақида намудааст;

- ниҳоят, маҳз бо мақсади муайян намудани сатҳи ташаккул ва рушди тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли синфҳои V-VII ташкил ва гузаронидани чи озмоиши муқарраркунӣ ва чи озмоиши таълимӣ ва баррасии натиҷаҳои бадастомада навгонии навбатии тадқиқоти мо маҳсуб меёбад.

**Аҳамияти назарии таҳқиқот.** Зимни омӯзиш ва баррасии матнҳои дорои мазмуну мундариҷаи баландғояи аз осори классикон интихобшуда, ки таълими он дар курси хониши адабӣ сурат мегирад, кӯшиш шудааст, ки роҳҳои тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагон нишон дода шавад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот.** Натиҷаҳои бадастомадаи рисола ба омӯзгорони фанни адабиёти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бобати дар рӯҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои болоӣ ба ҳайси як дастури роҳнамо кӯмак хоҳад намуд. Ҳамчунин таҳиягарон ва муаллифон метавонанд дар нашрҳои баъдии барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик нукоти муҳимми дар тадқиқоти мазкур баррасишударо ба инобат гиранд. Ниҳоят, устодони кафедраҳои педагогика ва психологияи коллеҷҳои омӯзгорӣ, мактабҳои олӣ ва муттахасисони дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон дарсдиҳанда низ метавонанд дар раванди лексияҳои бевосита ба масъалаҳои тарбиявӣ бахшидашаванда аз он истифода намоянд.

**Нуктаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- Бори аввал маводи барномаву китобҳои дарсии «Адабиёти тоҷик» барои синфҳои V-VII ва баъзе мақолаҳои ба мавзӯи тадқиқот иртиботдошта аз диди таҳаммулпазирӣ таҳлил гардид. Баъдан, дар мавриди гузаронидани озмоиши муқарраркунӣ ва пурсишномаҳо дар байни омӯзгорони муассисаҳои маркази таҷрибавӣ интихобшуда сатҳу сифати дониши хонандагон ва норасоиҳои

фаъолияти омӯзгорон низ дар алоқамандӣ ба мавзӯи тадқикот муайян карда шудааст.

- Зимни омӯзиши ботаанниии маводи барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти синфҳои V-VII, асосан, матнҳои аз осори 5 нафар суханвари маъруфи тоҷик (Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Аттори Нишопурӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ) интихобшуда аз диди тарбияи таҳаммулпазирӣ коркард гардид.

- Озмоиши мазкур дақиқ муайян намуд, ки натиҷаи ҷалби хонандагон ба хонишҳои беруназсинфӣ дар иртибот ба осори классикон шавқу рағбати онҳоро ба мероси гузаштагон афзун намуда, зиёда аз ин, дар худ тариқи мустақилона низ таҳаммулгароиро тарбия карда тавонистани онҳо мусоидат кардааст. Ин нукта аз мазмуни ҷавобҳои ба саволҳои додашуда муайян карда шуд.

- Ниҳоят, чунон ки таъкид гардида буд, дар радифи омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва ақоиди олимони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, педагогикаи таҳаммулпазирӣ зарурати дар миқёси ҷаҳон аз ҳама бештар дар доираи **хислатҳои таҳаммулпазирӣ** тарбия намудани инсоният зимни тавзеҳот дақиқ карда шудааст.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Бобоева И.А. таҳти унвони «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар 14 мақолаи илмӣ, аз 4 ҷумла мақола дар нашрияҳои илмии КОА Вазорати маориф ва илми ФР нашр шудаанд. Дар заминаи мавзӯъ дар силсилаи конференсияҳои донишгоҳӣ (солҳои 2017-2021) маърӯза ва гузоришҳои илмӣ баён шудаанд. Автореферат ва мақолаҳои дар ин замина нашршуда ба мундариҷаи диссертатсия мутобиқанд.

**Маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и Федератсияи Русия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М].** Бобоева И. Муҳимтарин ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ аз дидгоҳи Шайх Саъдӣ [Матн] / И.Бобоева // Номаи донишгоҳ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии

Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – 2018. – №3 (52). – С. 200-205. ISSN 2077-4990.

**[2-М].** Бобоева И. Роҷеъ ба унсурҳои таҳаммулпазирӣ дар "Маснавии маънавӣ" [Матн] / И.Бобоева // Номаи донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. – 2020. – №2 (63). – С.181-186. ISSN 2077-4990.

**[3-М].** Бобоева И. Роҷеъ ба унсурҳои таҳаммулпазирӣ дар «Пандномa»-и Аттор [Матн] / И.Бобоева // Паёми донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2020.– №3 (86). – С.168-171. ISSN 2219-5408.

**[4-М].** Шербоев С., Бобоева И. Муҳимтарин ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар афкори суханварон (дар мисоли хештаншиносӣ ва фазилати айбпӯшӣ) [Матн] / С. Шербоев, И. Бобоева // Паёми донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – 2022. – №1-2 (11-12). – С.303-307. ISSN 2708-5759.

**Дар маҷмӯа ва маҷаллаҳои дигар:**

**[5-М].** Бобоева И. Ваҳдат ва таҳаммулпазирӣ дар «Маснавии маънавӣ» [Матн] / И.Бобоева // Уфуқи андеша. Маҷмӯаи мақолаҳои олимон, муҳаққиқони ҷавон ва магистрантон.– Хуҷанд: Ношир, 2016.– С.47-52.

**[6-М].** Бобоева И. Таҷассуми худшиносӣ ва мадоро дар «Гулистон»-и Саъдӣ [Матн] / И. Бобоева // Дар маҷаллаи «Саҳми ҷавонон дар рушди илм (Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии ДДХ ба номи Б.Ғафуров).– Хуҷанд: Нури маърифат, 2017.– С.364-368.

**[7-М].** Бобоева И. Таҷассуми таҳаммулпазирӣ дар афкори ахлоқии адабиёти тоҷику форс [Матн] / И.Бобоева // Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бахшида ба Соли ҷавонон.– Хуҷанд: Ношир, 2017.– С.39-45.

**[8-М].** Бобоева И. Роҷеъ ба тарбияи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ дар замони муосир / И.Бобоева [Матн] // Маҷмӯаи конференсияи ҷумҳуриявии Ҳизби Халқӣ–Демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Соли ҷавонон.– Хуҷанд: Ношир, 2017.– С.208-212.

**[9-М].** Бобоева И. Андешае пиромуни сабру қаноат ва таҳаммулпазирӣ [Матн] / И.Бобоева // Хуршеди тобони маърифат (Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба

60-солагии н.и.ф., дотсент Маҳкамова Барно.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.– С.324-329.

**[10-М].** Бобоева И. Мавқеъ ва аҳамияти таълиму тарбияи таҳаммулпазирӣ [Матн] / И.Бобоева // Уфуқи андеша. Маҷмӯаи мақолаҳои олимон ва муҳаққиқони ҷавон. Хуҷанд: Зиё, 2019.– С.53-58.

**[11-М].** Бобоева И. Тарбияи таҳаммулпазирии муҳассилин дар дарсҳои адабиёт [Матн] / И.Бобоева // Армуғони дӯстон. Маҷмӯаи мақолаҳо бахшида ба 70-солагии адабиётшинос М.Аҳмадов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2020. – Саҳ. 158-164

**[12-М]** Бобоева И. Нақши осори классикони тоҷику форс дар тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон [Матн] / И. Бобоева // Уфуқи андеша. Маҷмӯаи мақолаҳои олимон ва муҳаққиқони ҷавон. Хуҷанд: Ношир, 2020.– С.62-70.

**[13-М].** Бобоева И. Нақши таҳаммулпазирӣ ва хештаншиносӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ [Матн] / И. Бобоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Макбати сиёсии Пешвои миллат». – 2022. – №3. – С.370-375.

**[14-М].** Бобоева И. Сулҳ ва таҳаммулпазирӣ омили муҳимми ҷаҳонишавӣ / [Матн] / И. Бобоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Макбати сиёсии Пешвои миллат». – 2022. – №3. – С.376-382.

Рисолаи номзадии Бобоева И.А. тадқиқоти комил ва анҷомёфта буда, аз аҳамияти назарӣ ва амалӣ бархурдор аст. Унвонҷӯ кори дорои арзишҳои муҳими пажӯҳиширо ба сомон расонидааст, ки ба забони хуби илмию назариявӣ таълиф гардида, барои муҳокима ва тавсия ба дифоъ пешниҳод мешавад. Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)» дар сатҳи хуби илмию тадқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи таълифи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад.

Кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва педагогикаи умумии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровнаро таҳти унвони «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди

таълими осори классикон (дар заминаи эҷодиёти Саъдӣ, Румӣ ва Ҷомӣ)»-ро кори анҷомёфта шуморида, онро барои дифоъ аз рӯи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ тавсия менамояд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси муттаҳидаи кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва педагогикаи умумии МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" қабул шудааст.

Иштирок доштанд: 16 нафар

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 16 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест, қарори № 9, аз санаи 14.04.2022.

**Раиси маҷлис:**

Мудири кафедраи методикаи
таълими забон ва адабиёти тоҷики
МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров",
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ш.Ҳакимова

Мудири кафедраи педагогикаи умумии
МДТ "ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров",
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Ш.Кӯчибоев

**Котиби ҷаласа:**
муаллимаи кафедраи
методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик М.Раҳимова

Имзои Ҳакимова Ш.И., Кӯчибоев Ш.И. ва Раҳимова М.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" Наврӯзов Э.

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
тел:+(992)927388887
E-mail: ddhkadr@mail.ru